Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(7340025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдаки 17)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Алиев Фарух Шарифович дар мавзӯи «Фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ва нақши он дар таҳкими давлати ҳуқуқбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе, 2021. – 183 с.)**

**Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионии Алиев Фарух Шарифович дар мавзӯи «Фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ва нақши он дар таҳкими давлати ҳуқуқбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мубрам ба ҳисоб рафта, барои илми ҳуқуқшиносӣ аҳамияти назариявӣ дорад.

Ба сифати омилҳое, ки мубрамияти мавзӯи таҳқиқотро нишон медиҳанд, чунин асосҳо ҷудо карда мешаванд:

**Якум,** тибқи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020 ташаккули давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ маданияти баланди ҳуқуқиро талаб менамояд, ки бе он чунин арзишҳои бунёдӣ ва принсипҳои ҷомеа, ба монанди волоияти қонун, афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ҳифзи манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд наметавонанд пурра амалӣ шаванд (саҳ. 3).

**Дуюм,** суръати пешрафти Тоҷикистон дар роҳи дигаргуниҳои демократӣ аз мавқеи ҷавонон дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ, эътимоди онҳо ба оянда ва фаъолияти онҳо вобаста хоҳад буд. Ҷавонон ҳамчун омили муҳим ва манбаи рушди ҷомеа动 дониста мешаванд. Иштироки фаъолонаи онҳо дар равандҳои таълимӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ метавонад ба рушди тамоми кишвар такони иловагӣ бахшад (саҳ. 3).

**Сеюм,** Мувофиқи нишондодҳои оморӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи ҷинояткории ҷавонон чунин аст: дар соли 2016, 16317 ҷиноят дар маҷмӯъ содир шудааст, ки аз ин шумора 6515 ҷиноят аз ҷониби ҷавонон содир гардидааст. Дар соли 2017 бошад, 15280 ҷиноят содир гардидааст, ки аз ин 5979 ҷиноятро ҷавонон содир намудаанд. Соли 2018 сатҳи ҷинояткорӣ каме боло рафта, дар умум 16258 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин шумора 5762 ҷиноят аз ҷониби ҷавонон содир гардидааст. Дар соли 2019 бошад, 16966 ҷиноят дар маҷмӯъ содир гардидааст, ки аз ин миқдор 5972 ҷиноят аз тарафи ҷавонон содир гардидааст (саҳ. 4).

Ҳолатҳое, ки мубрам будани диссертатсияи Алиев Фарух Шарифовичро собит месозанд, хело зиёд буда, бо омилҳои дар боло қайдгардида ба охир намерасанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ бамаврид буда, дар он масъалаҳои муҳимми қаблан ҳалнагардидаи илми назарияи давлат ва ҳуқуқ баррасӣ гардида, аз нигоҳи муаллиф арзёбӣ шудаанд.

Масъалаи фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ва нақши он дар таҳкими давлати ҳуқуқбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар илми ватанӣ таҷдиди назарро талаб менамояд. Маҳз дар ин бора Алиев Фарух Шарифович дар натиҷаи таҳқиқоти худ хулосабарорӣ намудааст, ки он қобили дастгирист.

Аз ҷониби диссертант ба ҳимоя нуктаҳои илмии зерин пешниҳод мегардад, ки онҳо навгонии таҳқиқотро ифода месозанд:

1. Фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон қисми таркибии фарҳанги ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқи инсон буда, аз маҷмӯи донишҳо, арзишҳо, меъёрҳо иборат аст, ки ҳаёти ҳуқуқии ҷавононро ифода менамоянд.

2. Сатҳи баланди рушди фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон яке аз шартҳои муҳими ташаккули давлати ҳуқуқбунёд мебошад. Мавҷудияти чунин як давлат танҳо дар сурате имконпазир аст, ки ҳам дар низоми ҳокимият ва ҳам дар сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқӣ мавҷуд бошад. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, адолат дар маҷмӯъ дар ҷомеа на танҳо бо хусусияти низоми сиёсии ҷомеа, балки бо сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва

рафтори ҷавонон низ таъмин карда мешаванд. Раванди ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон аз самаранокии ислоҳоти низоми ҳуқуқӣ вобаста аст. Ислоҳоти низоми ҳуқуқӣ метавонад ин қисмати асосии мушкилотро ҳал намояд, ки он бояд масъалаҳои таъмини дастрасии ҷавонон ба санадҳои меъёрӣ, такмили ихтисоси касбӣ, ислоҳоти низоми судӣ, таъмини қонуният аз ҷониби ҷавононро дарбар гирад.

3. Воситаи самараноки баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон мунтазам ташкил намудани озмунҳо оид ба ҳуқуқ дар байни ҷавонон дар муассисаҳои таълимӣ, телевизиону радио ва дигар воситаҳои ахбори омма мебошад. Аз ҷумла, бо мақсади ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ҳамасола ба муносибати рӯзи Конститутсия, рӯзи Президент, рӯзи ҳуқуқи инсон ташкили чунин озмунҳо ва инъикоси онҳо тавассути телевизиону радио мувофиқи мақсад мебошад. Зеро бештари аҳолии кишвар ҳамарӯза аз телевизиону радио истифода мебаранд ва ин яке аз роҳҳои бо тариқи оммавӣ ташаккул додани шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон мебошад.

4. Унсури муҳими фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон тарбияи ватандӯстӣ буда, он заминаи ақидавии ҷавононро ташаккул медиҳад ва қодир аст, ки онҳоро муттаҳид сохта, дар татбиқи сиёсати ҳуқуқии давлат ҳавасманд гардонад. Аҳамиятнокии ватандӯстӣ барои рушди фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон дар функсияҳои ҳамгироӣ, муҳофизатӣ, устуворсозӣ, танзимнамоӣ, тарбиявӣ ва арзишии он ифода меёбад.

5. Ташаккули сиёсати ҳуқуқӣ-давлатие, ки ба таъмини сифати ҳифзи ҳуқуқҳои ҷавонон нигаронида шуда бошад, муҳимтарин вазифаи давлат мебошад. Қадами аввал дар ин самт дастгирии рушди адлияи ноболиғон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар адлияи ноболиғон, бояд ба масъалаҳои аз ҷазо озод намудани ҷинояткорони ноболиғ, тарбия ва ислоҳнамоии онҳо диққати махсус дода шавад. Муносибат ба ҷиноятҳои ҷавонон ва ҷавонони маҳкумшуда бояд тавре ба роҳ монда шавад, ки онҳо ба ҷомеа ҳамчун одамони комил баргарданд.

6. Бо мақсади муқаррар намудани асосҳои меъёрии рушди фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ва ташкили низоми таълими фарогир, муттасил ва пайвастаи ҳуқуқии ҷавонон, аз ҷумла таҳия, тасдиқ ва татбиқи низоми такмили фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ва рушди фарҳанги ҳуқуқии онҳо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии таҳсилоти ҳуқуқӣ, тарбияи ҳуқуқӣ ва таълими ҳуқуқӣ» муҳим аст. Дар заминаи қонуни мазкур, муайян намудани асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти низоми таълими ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии категорияҳои гуногуни ҷавонон, аз ҷумла хонандагон, донишҷӯён ва мутахассисони ҷавон, инчунин муайян намудани нақши ҳуқуқшиносон дар ин раванд зарур мебошад.

7. Сиёсати ҳуқуқии ҷавонон дар самти ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ дар асоси фаъолияти якҷояи тамоми субъектҳое, ки ба низоми сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон дохил мешаванд, амалӣ карда мешавад. Дар ин раванд, аз ҷумла давлат, шахсони мансабдор, муассисаҳои таълимӣ, ташкилотҳо ва ҳаракатҳои ҷамъиятӣ, шахсони алоҳида ва иттиҳодияҳои онҳо иштирок менамоянд. Сиёсати ҳуқуқии ҷавонон дар барномаҳои мақсадноки ҷумҳуриявӣ, таълимот, консепсияҳои рушд, шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ифода меёбанд ва ба амалишавии манфиатҳо, ҳуқуқҳо ва озодиҳои ҷавонон дар ҳамоҳангӣ бо вазифаҳои ҷавонон равона мегардад.

8. Тасаввуроти илман асоснокгардидаи ҷавонон дар бораи падидаҳои ҳуқуқӣ ва сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқии онҳо шарти зарурии таҳкими волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ мебошанд, ки бе онҳо ташаккули давлати ҳуқуқбунёд ва волоияти қонунро таъмин намудан ғайриимкон аст. Тасаввуроти мусбат нисбат ба ҳуқуқ ва қонун, сатҳи донишҳои ҷавонон оид ба падидаҳои ҳуқуқӣ ва уҳдадориҳо дар назди давлат ва ҷомеа самтҳои асосии раванди ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон мебошанд.

Дар ҳақиқат ин пешниҳоду тавсияҳои муаллиф қобили дастгирӣ буда, саривақтӣ ва мубрам мебошанд. Онҳо барои пурра бартараф намудани

ноқисии дар самти ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон мусоидат хоҳанд кард. Ин масъалаҳо ҳам таҳқиқоти илмӣ ва ҳам таҷдиди назарро талаб менамоянд. Умуман дар адабиёти ҳуқуқӣ ва дар байни олимон оид ба масъалаи фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ақидаҳои гуногун мавҷуд мебошад.

Аз ин лиҳоз низ, таҳқиқоти диссертатсионии Алиев Фарух Шарифович мубрам буда, он ба баъзе аз мушкилотҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва татбиқи амалиявии он равшанӣ меандозад.

**Саҳеҳият, навгонии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия ифода ёфтаанд,** ягон шубҳаро ба вуҷуд намеоранд. Пешниҳод ва нуктаҳои илмии диссертатсия ба таҳқиқоти назариявию объективӣ такя намуда, натиҷагириҳо асосноку боэътимоданд ва ба мулоҳиза ва хулосабарориҳои муаллиф асос ёфтаанд. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки он аввалин рисолаи комплексии илмӣ оид ба «Фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ва нақши он дар таҳкими давлати ҳуқуқбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» буда, муаллиф бо дарназардошти адабиёти илмии ватанию хориҷӣ, инчунин меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, давлатҳои хориҷа ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ин масъаларо таҳлил намудааст.

Аҳамияти назариявии рисолаи илмӣ дар он аст, ки тадқиқоти гузаронидашуда, яъне фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ва таъсири он ба ташаккули давлати ҳуқуқбунёд барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт ҳамчун сарчашма баромад карда метавонад.

Хулоса, нуктаҳо ва тавсияҳое, ки дар рисола пешбинӣ шудаанд, метавонанд дар таҳияи барномаҳо, стратегия, ва консепсияҳои давлатӣ, дар раванди таълим ва тарбияи ҳуқуқии ҷавонон, таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон, тарбияи ҳуқуқии-ватандӯстии ҷавонон боло бурдани маърифати ҳуқуқӣ ва донишҳои ҳуқуқии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шаванд.

Ба ғайри ин, нуктаҳо ва тавсияҳои рисола метавонанд дар таълими фанҳои «Назарияи давлат ва ҳуқуқ», «Таърихи давлат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии

Тоҷикистон», «Ҳуқуқи инсон», «Ҳуқуқ» ва ҳангоми навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм, рисолаҳои илмӣ истифода бурда шаванд.

**Дараҷаи асоснокии муқаррароти илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия ифода ёфтаанд.** Диссертатсияи Алиев Фарух Шарифович бонизом таҳия гардида, фарогири ақидаҳои назариявӣ мебошад, ки ба масъалаи «Фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ва нақши он дар таҳкими давлати ҳуқуқбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида шудаанд.

Сохтори рисола аз муқаддима, ду боб, ҳашт зербоб, хулоса ва номгӯи сарчашмаҳои истифодашуда иборат мебошад. Сохтори диссертатсия ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқ буда, хамаи масъалаҳои аз ҷониби муаллиф пешниҳодшуда ҳаллу фасли худро ёфтаанд.

Асоснокии пешниҳодоти дар диссертатсия ифодашуда, инчунин бо таҳлили сарчашмаҳои истифодашуда, оид ба фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон тасдиқи худро ёфтааст. Феҳристи маъхазҳо аз сарчашмаҳои зиёде иборат мебошад, ки онҳо барои омӯзиши муфассали ҳолати кор дар мавзӯи таҳқиқшаванда имконият додаанд. Асосҳои методологии таҳқиқотро усулҳои умуминазариявӣ ва махсуси ҳуқуқии фаҳмиши илмӣ ташкил додаанд, ки дар таҷриба санҷида шудаанд, аз ҷумла мушоҳида, таҳлил, синтез, ҳамчунин муқоисавӣ-ҳуқуқӣ. Дар ҷараёни таҳқиқот, инчунин усулҳои таҳлилӣ ва муқоисавии натиҷаҳои таҳқиқот, ки аз ҷониби дигар олимони ҳуқуқшинос гузаронида шудаанд, мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ҳамаи ин усулҳо ба муаллиф имконият додаанд, ки як қатор пешниҳод, хулоса ва тавсияҳои муҳимму асосноки илмиро пешкаш созад.

**Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот.** Нуқтаҳои асосии диссертатсия дар 12 мақолаи илмӣ, ки аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, ифодаи худро ёфтаанд.

**Автореферат дар умум мазмуни диссертатсияро инъикос менамояд.** Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Аз матни таҳқиқоти диссертатсионӣ бар меояд, ки он дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 – «Проблемаҳои назариявӣ ва амалии таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон дар низоми ҳуқуқии ҶТ» омода карда шудааст. Аз ин рӯ, мавзӯи интихобшуда ба ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ҷавобгӯ буда, ҳамзамон робитаи кор бо ихтисоси мазкур мувофиқ аст.

Ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани тартиб ва танзими диссертатсия. Диссертатсияи мазкур, ки ба мавзӯи фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ва нақши он дар таҳкими давлати ҳуқуқбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, аз рӯйи мазмун ва мундариҷа масъала ва мушкилоти гуногунро фаро мегирад. Зимнан, тамоми масоил ва мушкилоти вобаста ба мавзӯи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои он имконият додаанд, ки таҳқиқот дар шакли диссертатсия муттаҳид шуда, ҳамчун кори мукаммали илмӣ-тахассусии анҷомёфта пешниҳод карда шавад.

**Мақсади тадқиқоти диссертатсионӣ** ба омӯзиши асосҳои назариявии мавзӯи фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ва нақши он дар таҳкими давлати ҳуқуқбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин таҳияи тавсияҳо ва пешниҳодҳои илмӣ баҳри рушди тарсу усулҳои баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон равона гардидаанд. Вазифаҳои таҳқиқоти мазкурро бошад, муайян намудани мафҳум ва мазмуни фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон; таҳқиқ ва таҳлили фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ва масъалаи ташкили давлати ҳуқуқбунёд; таҳлили ватандӯстии ҷавонон ҳамчун унсури таркибии фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон; таҳқиқи ҳеҷангории ҳуқуқӣ ҳамчун омили зидди фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон; муайян намудани нақши таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ дар ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон; муайян намудани аҳамияти сиёсати ҳуқуқии ҷавонон дар ташаккули фарҳанги

ҳуқуқии ҷавонон; муайян намудани аҳамияти сиёсати ҳуқуқии ҷавонон дар ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон; муайян намудани дурнамои рушди фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон; манзур намудани пешниҳоду тавсияҳо ҷиҳати баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон (саҳ. 7).

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзӯи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзӯи таҳқиқот, объект ва предмети мавзӯи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ, назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, навгонии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шуда, оид ба тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия таъкид гардидааст.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқоти диссертатсионии Алиев Фарух Шарифович ба талаботи бандҳои 10-16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 ноябри соли 2016, № 505 тасдиқ гардидааст, мутобиқат намуда, ҳамчун таҳқиқоти мукаммали илмии тахассусӣ ба рушди илми назарияи давлат ва ҳуқуқ мусоидат хоҳад намуд. Таҳқиқоти мазкур инчунин ба талаботи муқаррарнамудаи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, автореферватҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, №3/1 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

**Эродҳо ба мазмуни диссертатсия.** Умуман, мазмуни таҳқиқоти диссертатсиониро дар сатҳи баланд арзёбӣ намуда, метавонем ба баъзе аз масъалаҳои баҳснок рӯ овард. Ба монанди:

1. Навгонии чорум, ки ба ҳимоя пешниҳод шудааст хусусияти умумӣ дошта, муалифро зарур мебуд, ки мушаххас ҷанбаи ҳуқуқии фаҳмиши ғояҳои ватандӯстиро нишон медод. Ғайр аз он дар рисола аҳамияти ғояҳои ватандӯстӣ барои фарҳанги ҳуқуқӣ нишон дода нашудааст.

2. Муаллиф сатҳи коркарди илмии мавзӯъро пурра ифода накардааст. Дар рисола ба таври умумӣ таҳқиқотҳои илмӣ вобаста ба мавзӯъ оварда шудаанд, дар ҳоле ки муаллифон ё гурӯҳҳои асарҳои муаллифон истисно карда шудаанд, ки метавонистанд асоси тадқиқоти гузаронидашуда шаванд. Вобаста ба ин эрод шарҳи муаллиф талаб карда мешавад

3. Муаллиф дар рисола омилҳои сарзадани нигилизми ҳуқуқиро пешкаш намудааст вале роҳу воситаҳои аз байн бурдани нигилизми ҳуқуқиро бо тариқи мушаххас баён накардааст. Вобаста ба ин шарҳи муаллиф талаб карда мешавад.

Камбудӣ ва норасоиҳое, ки дар боло қайд шуданд, дар умум, ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо гувоҳи он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳснокаанд ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаи назари муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки ин хоси гузаронидани таҳқиқоти илмӣ мебошад. Мазмуни диссертатсия аз кофӣ будани пуррагии баёни мазмун ва навгонии илмӣ доштани он шаҳодат медиҳад. Муаллиф аз натиҷагириҳо хулосаҳои худро баён намудааст, ки онҳо метавонанд барои рушди илми илмҳои ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла назарияи давлат ва ҳуқуқ саҳми сазовори худро гузоранд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ба ихтисосе, ки ба он довталаб аст.** Алиев Фарух Шарифович аз руйи ихтисос ҳуқуқшинос буда, айни замон унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки ин аз мутобиқат доштани ихтисоси илмии ӯ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) гувоҳӣ медиҳад.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Алиев Фарух Шарифович диссертатсияи мустақили илмӣ-тахассусии анҷомёфтаро оид ба мавзӯи мубрами илми назарияи давлат ва ҳуқуқ пешниҳод намудааст, ки муқаррароти асосии он дар автореферати диссертатсия инъикоси худро пайдо намудааст. Диссертатсияи мазкурро метавон саҳми шахсии муаллиф дар инкишофи илми назарияи давлат ва ҳуқуқ шуморид. Аҳамияти илмии диссертатсия бо он вобастагӣ дорад, ки дар он аз ҷиҳати назариявӣ роҳу усулҳои ҳалли мусбии масъалаҳои мубрами таҳқиқшаванда асоснок ва пешниҳод карда шудааст.

Автореферат ба мазмуни диссертатсияи номзадӣ мувофиқат менамояд.

Низомнокӣ ва мазмуни дастнависи диссертатсия ва автореферати Алиев Фарух Шарифовичро асосан ба талаботи муқарраршудаи тартиби омода намудани диссертатсияи номзадӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ мутобиқат менамояд. Вобаста ба ин, диссертатсияи мазкур барои илми назарияи давлат ва ҳуқуқ аҳамияти муҳим ва саривақтӣ дошта, кори илмӣ-тахассусии баанҷомрасида буда, дар он муқаррароти назариявӣ ва амалӣ таҳия ва пешниҳод карда шудааст, ки онҳо барои ҳалли мусбии як зумра масъалаҳо ва мушкилоти вобаста ба мавзӯи таҳқиқот имконият медиҳанд.

Диссертатсия ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, №3/1 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он, Алиев Фарух Шарифович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақризи мазкур бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 74-75-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва банди 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ гардидаанд, омода ва пешниҳод шудааст.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бохтар, 735140, кучаи С.Айни -67 Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» E–mail: ktsu78@mail.ru Телефон:+(9923222) 2-54-81, 2-22-53

**Муқаррizi расмӣ:** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент декани факултети сиёсат ва идораи давлатии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Сафарбекзода Ҳ. С.

**Имзои Сафарбекзода Ҳ. С. - ро тасдиқ мекунам.**
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Шукурзод Ҷ. А.

ШУЪБАИ КАДРҲО